## МАТНҲОИ БАДЕӢ

**1. Матнро хонед.**

**Адолати шер**

Яке аз дӯстон гуфт:

Дар Бойсун мардеро дидам тануманд, осори мардӣ ва боқувватӣ аз зоҳири ҳолаш ҳувайдо буд, ки Холмуҳаммадаш мегуфтанд. Миёни ману ӯ мубоҳиса ва муколамаҳо мегузашт. Басе ҳикоятҳои ҷолиб нақл мекард, ки аз шуниданаш дар ҳайрат мемондӣ. Бо хирсу хук набард намуда, бо шер паланг ҷанг карда, аз чанголашон раҳоӣ ёфта буд. Аз он ҷумла гуфт: «Рӯзе ба хонаи дӯстам, ки бояд тӯй барпо мешуд, ҳамроҳи дӯстонамон роҳакӣ шудем. Аз байни кӯҳу марғзор мегузаштем. Ман аз рафиқон ҷудо шудам, муштоқи шикор гашта будам. Ба даруни дара даромадам, кабку оҳу шикор карда саргарм шуда монда, рӯзро бегоҳ кардам. Дилам майли хонаравӣ надошт. Ноилоҷ дар камари кӯҳ сатҳе ҷойи сабзазор ёфтам, ки дарахти азиме бо сояаш он ҷойро зеб медод. Як чашмаи оби мусаффо аз паҳлӯяш мегузашт. Аз аспи худ фаромада ба болои дарахт баромада, ҷое барои худ ва ҷое барои асп рост кардам то ғуруб аспро ғунча баста, гусфандвор болои дарахт кашидам. Асп аз фаросате, ки дошт, он чӣ ман дар боби ӯ андешида будам, мефаҳмид. Ҳамчунон побаста болои дарахт ба паҳлу орамид ва намеҷунбид.

Шабҳангом, неш аз он ки сар ба хоб диҳам, ногоҳ, овози шикастани сангпораҳо маро беқарор гардонид. Донистам, ки ҳайвоне батарафимо меояд.

Шаб маҳтоб буд. Дидам шере хашмгину зӯровар монанди гови калони шохзан ба самти мо меояд. Ва чашмҳо ҳамчу машъале медурахшиданд ва

назди қадамаш сангҳои бузург ғалтон мешуд. Туфанг ба даст гирифтам ва оташ дар пилта додам ва рост кардам, то шер бубинад ва битарсад ва баргардад. Ӯ ҳамчунон ғуррон, бе ҳарф ва ҳарос тӯфон карда ба суйи мо меомад. Дидам, ки ин шер бо як тир сард намешавад, ҳам марову аспамро нобуд мегардонад.

Азбаски майдон буд ва атроф нишеб, шер ҳарчанд хост, ки худро дар болои дарахт барҷаҳонад, муяссар нашуд. Омада ба решаи дарахт даст зад. Гумон кардам, ки ҳамин замон дарахтро аз бун мебарорад. Натавонист ва як-ду зӯр овард матлаб ба чанг наёмад ва дарахт ҳамчунон, ки дар рӯзи боди шадид биларзад, ба ҷунбиши сахт гирифтор шуд. Ва аспи ман дар изтироб омада сахт тарсид, ман худдорӣ карда ба мулоимат саре меҷунбондам, ки: «Ман қасди ту надорам ва имшаб дар роҳ мондам, ин ҷо меҳмонам, аз сари сахти ман даргузар». Гоҳе таъзиме ба суйи шер мекардам ва шукуфон менигаристам, то аз вазъи ман эмин бошад ва донад, ки ман ба ӯ муқобила надорам. Шер аз ин муомила сурати таслим муайян карда аз ғурриш ва ғазаб сокин шуд. Вай аз дарахти ҳомили ман даст бардошт ва сина бар замин ниҳода биншаст ва дум меҷунбонид. Боз ман суруде, нғмае сар карда шерро ба мулоимат ва мурувват даъват мекардам. То субҳ, дамид ва бо имо ва ишора маълум мекардам, ки: «Маро роҳ бидеҳ, то ба манзили худ муроҷиат кунам». Вай низ ишорае мекард ва дасти худро рост мекард. Ман намедонистам, ки чӣ мехоҳад. Камтар нон

на яхнӣ пеш андохтам, бӯйида илтифот накард ва боз ба дасти худ ишора мекард. Он гоҳ, донистам, ки туфанги маро мехоҳад. Ноилоҷ, онро ҳам назди шер андохтам. Бархост ва онро

гирифта ва худ низ рост шуда бар атрофи он диққтат мекард ва маҳалли қундок ва оташхонаро медид. Пас туфанг хурд бишкаст ва ба ҳаво бияндохт, ки аз назарам нопадид шуд.

Ман он гоҳ, дил бар марг ниҳодам, ки кори аҳмакӣ кардам ва сипари ҷон ба дасти душман супоридам. Он гоҳ, изҳори хурсандӣ ва хуррамӣ намуда, нон ва яхнӣ бардошт ва ишора кард, ки фуруд ои ва бирав. Ва худ дуртар рафта боз бинишаст. Ман аспро фуруд оварда зин ва лаҷом ниҳода савор шудам. Ва шер низ ба ҳаракат даромада пеши роҳи ман фуромада ва имо мекард, ки «биё».

Ман оҳиста аз паси вай асп мерондам. То аз ду-се ағба ва сой бигзаштам ва роҳ, аз кӯҳ ба пастӣ кашидам. Он гоҳ шер баргашт ва ба болои қуллаи кӯҳ барнишаст ва дар мушоҳидаи аҳволи ман шуд, то аз назари ӯ ғоиб гаштам.

Ин рафтор аз он сабаб буд, то даррандагони дигар маро қурбон насозанд. Ва саломат ба хона омадам.

Мақсад аз ин ҳикоят дар он аст, ки агар дар азал мавҷуд мӯҳлат бувад, душман дӯст гардад ва заҳр тарёк ва шери далер роҳбар ва дастгир бувад.

Гар шавӣ дар даҳани шеру паланг,
Нахӯрандат магар ба рӯзи аҷал.

*Аҳмади Дониш (688-калима)*

**2. Муаммое, ки муаллиф дар матн бардоштааст, аниқ ифода кунед ва нависед. Аҳамиятнокии он дар чист, шарҳ диҳед.**

**3. Фикру мулоҳизаи худро дар бораи муаммое, ки муаллиф гузоштааст аниқ ифода кунед ва нависед.**

**4. Фикру мулоҳизаи худро бо далелҳои аз таҷрибаи ҳаёт, матнҳои адабӣ ва дигар намудҳои санъат такя намуда баҳс намоед.**

***Матнҳои лозима барои далелҳо[1]:*** *З.М.Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ», У. Зоконӣ «Мушу гурба». С. Насафӣ «Баҳориёт».*

----------------------------------

[1] Барои далел шумо метавонед аз асарҳои дилхоҳ истифода баред

## ПУБЛИСИСТӢ

**1. Матнро хонед.**

### Наврӯз – рамзи навгонии милливу тамаддуни инсонӣ

Наврӯз ҷашни эҳтиром аз ҷойгоҳи табиат ва бузургдошти сайёраи Замин аст, ки баъди карахтии сармои зимистон ба мисли инсон аз хоб бедор мешавад ва ба риёзату тафаккур шурӯъ мекунад. Наврӯзро метавон ба мисол набзи тапандаи сайёраи Замин шинохт, ки дар гирди Офтоб як даври пурраи соли нуҷумӣ паси сар мекунад ва дар моҳи Фарвардин ба ҷойгоҳи аслии худ, ки мӯъҷизакориро аз он оғоз карда буд, бармегардад. Агар ба рамзи Наврӯз аз дидгоҳи дарун нигарӣ (маъниҷӯӣ) назар андозем, мебинем, ки рамзи аслии он навсозӣ ва навпардозӣ аст, на кӯҳнапарастӣ, ки баъзе аз ашхос ба хато, бо чашми зоҳирбинонро чунин пиндоштаанд. Ҳарчанд ки Наврӯз ҳар сол ба як қарор такрор мешавад, вале он на ҷашни такрорҳо, балки паёму даъват аст ба кашфу навгонӣ ва инчунин поксозӣ ва бозсозии тинату вуҷуди Инсон ва муҳити зиндагии табииву иҷтимоии ӯ. Ин бозсозии бадану тинат ҳам ба мисли Наврӯзу силсила ҷашнҳои ориёӣ кори доимии инсонҳо мебошад, на кори якрӯзаву дуррӯза ва мавсимӣ.

Дар бораи таърих ва ҷуғрофиёи Наврӯз сухан ронда чунин андешаеро бояд пазируфт, ки он аз қадимитарин ва зеботарин ҷашнҳои ҷаҳон аст. Наврӯз бар пояи тасаввуроти амиқи фалсафӣ ва ҷаҳоншинохтае устувор гаштааст, ки ҳар кадом намуди давом ва бақои инсони рӯи Замин, аз ҷумла, қавми тоҷик ва дигар ақвоми ориёитабор маҳсуб мешавад. Дар алоқамандӣ бо бузургдошти Наврӯз он чиз ҷолиб аст, ки ҳарчанд ин ҷашн сохта ва бофтаи тахайюли аҷдоди ориёӣ аст, онро ақвоми зиёди муҷовир аз дуру наздик, аз марзи Чин ва ақсои Ҳинд то савоҳили уқёнуси Атлас ва аз аррозии Сибириё то Халиҷи Форс ба унвони ҷашни миллӣ ва қавмии худ пазируфта, ва бо шукӯҳу шаҳомати хосае онро таҷлил мекунанд, ки ин худ далели возеҳу раднопазирест роҷеъ ба таъсири фарҳангии ориёинажодон бар сокинони ин марзу бум ва куллаи тамоми ақсои олам. Наврӯз бо бунёд ва интишори худ ба тариқи рамз як тамаддуни наверо дар минтақаи Аврупою Осиё бо номи *Тамаддуни Ҳавзаи Наврӯз* эҷод намудааст. Мардумони ин ҳавза то ба имрӯз бо номи Наврӯз бо ҳам муттаҳид мешаванд ва амалҳои созандаву монандаеро дар рӯи Замин анҷом медиҳанд. Ҷашни Наврӯз мардумро даъват мекунад, ки дар бораи зиндагии минбаъдаи худ ба таври инфиродӣ тафаккур кунад, на ки онро ба таври мошиниву сунъӣ такрор бикунад.

Бешубҳа, таърихи Наврӯз ба рӯзгори аҳди бостон бармегардад. Он дар давраҳои пеш аз таърихи хату набиштаҳо дар ҷамоаҳои шикориву деҳқонии ориёӣ оғоз шуда, аввал дар ёдҳо ва сангҳо сабт шуда, аз даҳон ба даҳон, аз насл ба насл ба шакли ривоят гузашта то ба рӯзгори шоҳони пешдодиву каёнӣ, суғдиву хоразмӣ, портивупаҳлавӣ ва эрониёни қадим расида ва ниҳоят дар рӯи хат набишта шуд ва баъдан ба рӯзгору зиндагии зардуштиёну мусулмонон ворид шуд ва дар китобҳои онҳо сабт шуд. Таърихи аз ин ёдҳо набиштаи Наврӯзро дар осори бузургтарин олимони Шарқ, алалхусус, Абурайҳони Берунииҳо размии тоҷиктабор ва ҳамосасарои тамаддуни тоҷику эронӣ –Абулқосими Фирдавсӣ пайдо намудан мумкин аст. Ҷои сурур ушодмонии мост, ки унсурҳои деринаи ҷашни Наврӯз ба шакли зинда то ҳанӯз дар қисматҳои кӯҳистонии сарзамини тоҷик, махсусан дар Фалғару Помиру Кашмир ба таври зинда чун фарҳанги мардумӣ, ба шакли то андозае беолоиш вуҷуд доранд, ки нишонаҳои он дар

китобҳои «Тоҷикон»-и Б.Ғафуров ва «Тоҷикони водии Хуф»-и М.Андреев ва дигар мардумшиносон дар Зарафшону Бадахшон сабт шудааст.Минбаъд ва то ба имрӯз ба истилоҳи баъзе аз фарҳангшиносон «иморати хештаншиносии тоҷику эронӣ ду шаҳсутун дорад: яке забони порсисту дигаре ҷашни Наврӯз».Ин шаҳсутунҳо, албатта, бештар аз инанд, ки қайд шуданд, вале кореро,ки забон бо сухан мекунад, ҷашни Наврӯз (21-22 Март) бо Тиргону (22 Июн) Меҳргон (22 Сентябр) ва ҷашни Сада (Декабр-Январ) бесухан, вале бо амали мураттаб ба анҷом мерасонанд ва тамоми қофила ё сикли зиндагии Инсон дар ин ҷашнвораҳо тасвир мешавад ва чун *ибрат* ба ҷомеа пешниҳод мешавад. Ҷанбаи тарбиявӣ ва эпистемологияи

Наврӯз на танҳо дар гӯш (ҳисси шунавоӣ) аст, балки дар чашму амал (маросимҳо) аст, ки насли наврасро дар рӯҳияи озодӣ ва тавозуну ҳамкорӣ бо табиат тарбия мекунад ва ба зиндагии рӯзмарраи Инсон қуддусият мебахшанд.

Оид ба ҷанбаи табиатшиносии Наврӯз сӯҳбати хосае мебояд ва ин мавзӯи баррасиҳои оянда хоҳад буд. Сӯҳбати имрӯзаи мо дар мавриди инъикоси ин ҷашн дар набиштаҳои асрҳои миёна аст. Ҷашни Наврӯз дар адабиёти оламшумули тоҷикиву порсӣ ба таври бориз сабт шудааст, ки яке аз он «*Шоҳнома*»-ин шоҳкории Ҳаким Фирдавсист, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём ва сурудаҳои Ҳофизи ширинкалом мебошанд. Ба унвони далел бар асолату дурустии ин суханон, рӯй меоварем ба андешаи Акбари Турсон, ки: «Забони порсӣ (тоҷикӣ) ба унвони ҳомилу ҳомии осор ва пиндори фарҳангӣ ҳам ҳофиза таърихӣ ва ҳам дурнамои рушди маънавиамонро таҷассум мекунад. Ҷашни Наврӯз ба унвони суннати зиндаи халқ замонати бақои рӯзгори ӯст».

*Муҳаммадсалом Махшулов (749калима)*

**2. Муаммое, ки муаллиф дар матн бардоштааст, аниқ ифода кунед ва нависед. Аҳамиятнокии он дар чист, шарҳ диҳед.**
**3. Фикру мулоҳизаи худро дар бораи муаммое, ки муаллиф гузоштааст аниқ ифода кунед ва нависед.**
**4. Фикру мулоҳизаи худро бо далелҳои аз таҷрибаи ҳаёт, матнҳои адабӣ ва дигар намудҳои санъат такя намуда баҳс намоед.**

***Матнҳои лозима барои далелҳо[1]:*** *У.Хайём. «Наврӯзнома», А. Фирдавсӣ «Шоҳнома», С. Айнӣ «Гули сурх».*

-----------------------------------

[1] Барои далел шумо метавонед аз асарҳои дилхоҳ истифода баред

## НАЗМ

**1.Матнро хонед.**

### ДАР ЁДИ КАС

Нақш бандад солҳо дар ёди кас
Дашти бепоёну фарёди ҷарас.
Раъду барқу гиряи абри баҳор,
Мавҷи баҳру фикри дурии канор.
Мерасад гоҳо ба ёди одамӣ
Роҳати ҷон - бӯстони хурраме.
Месарояд булбули ширинсухан
Рӯзу шаб бо як забон дар он чаман.
Дар ҷаҳон кардам сафар ман борҳо,
Зиндагӣ санҷидаам бисёрҳо-
Дидаам ҳар гуна халқу кишваре,
Мамлакатҳои аҷоибманзаре.
Дидаам, ки олам аз баҳру бар аст,
Хислати ҳар кишвар, аммо дигар аст.
Дар миёни мардуми ин сон диёр
Дӯстӣ якбора гардад барқарор.
З-ин сабаб балки намудам ҷо ба дил
Ёди ёроне, ки кардандам гусел…
Мо шудем аз ҳашт боғи як чаман-
Ҳашт республикаю аз як ватан,
Меҳмони кишваре, ки халқи он
Умрҳо аз бахт меҷӯяд нишон.
Меҳрубон будем мо бо якдигар
Мисли фарзандони як модар, падар.
Мо ҳама гуфтем дар чандин забон:
«Меравам акнун ба сӯйи хонамон!»
Хубтар кардам нигоҳ ман сӯйи дӯст,
То барам бо худ нишон аз рӯйи дӯст:
Сӯйи он рухсорру чашмони сиёҳ
Бо муҳаббат менамудам ман нигоҳ.
Чун бигуфтам: «дӯст»,ту гуфтӣ ба ман :
«Нест қиматтар ба дунё з-ин сухан.
Соҳиби зебоватан гардидаем,
Ҳокими боғу чаман гардидаед».
Гуфтию бурдӣ дами худро фурӯ…
То даме нав ба дилҳо кард кор.
Дар лабони хушку бенам шуд падид
Ғуссаи садсолаи касношунид.
Дар бари рухсора аз чашмони тар
Рехт мисли жола хуноби ҷигар.
Дар фазои тире овози ҷаҳон
Рафт то авҷи Сурайё бароқсон:
«Мо ба монанди шумо хоҳем шуд,
Дур аз ҷавру ҷафо хоҳед шуд!»
Паҳн шуд дар кишвари андӯҳгин
Аз дили пурҷӯш овозе чунин
«Доимо овар ба ёдат рӯйи мо,
Чашми уммедат макан аз сӯйи мо,
Мешавад рӯзе, ки аз зери саҳоб,
Аз пайи шаб мебарояд офтоб!»
Дурам, аммо ёди ёрон мекунам,
Ёди он чашмони гирён мекунам.
Гар ту пурсӣ: дар куҷо ин кишвар аст?
Дар кадомин нуктаҳои меҳвар аст?
Дар кадомин соҳили дарё бувад?
Гӯямат, ки дар дили ман ҷо бувад!
Гар ту пурсӣ: роҳ чандинрӯза аст?
Ин гапи дирӯза ё имрӯза аст?
Гӯямат, ки роҳ наздик асту бин
Дидаамро бо ду чашми тезбин.
Чашми ман гӯё, ки меҷӯяд мудом
Сояи он дӯстонро субҳу шом.
Номи онҳо аз дилам ояд ба лаб
Ҳам ба бедорию ҳам дар хоби шаб.
Мешавад шаҳре, ки дидам ҷилвагар
Дар назар чун сӯхта рӯйи қамар.
Дар фазо мегардад аммо ин садо :
"Мешавем озод монанди шумо !
Доимо овар ба ёдат рӯйи мо,
Чашми уммедат макан аз сӯйи мо! "

*Мирзо Турсунзода (397 калима)*

**2. Муаммое, ки муаллиф дар матн бардоштааст, аниқ ифода кунед ва нависед. Аҳамиятнокии он дар чист, шарҳ диҳед.**

**3. Фикру мулоҳизаи худро дар бораи муаммое, ки муаллиф гузоштааст аниқ ифода кунед ва нависед.**

**4. Фикру мулоҳизаи худро бо далелҳои аз таҷрибаи ҳаёт, матнҳои адабӣ ва дигар намудҳои санъат такя намуда баҳс намоед.**

***Матнҳои лозима барои далелҳо[1]:*** *Ибни Ямин Фарюмадӣ «Куллиёт», Ҳ. Шерозӣ «Девони ғазалиёт», Н.Ганҷавӣ «Хайр ва Шар».*

---

[1] Барои далел шумо метавонед аз асарҳои дилхоҳ истифода баред